*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 126 (4546) | ДУШАНБЕ, 10 ОКТЯБРИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## ИШТИРОКИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ВОХӮРИИ ҒАЙРИРАСМИИ САРОНИ КИШВАРҲОИ АЪЗОИ ИДМ

**7 октябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрии ғайрирасмии сарони кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки дар шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Россия баргузор гардид, ширкат варзиданд.**

Дар ҳамоиш Илҳом Алиев, Никол Пашинян, Александр Лукашенко, Қосим-Жомарт Токаев, Владимир Путин, Шавкат Мирзиёев ва Сердар Бердимуҳамедов низ иштирок карданд.

Дар ҷараёни мулоқот сарони давлатҳо оид ба масъалаҳои таҳкими минбаъдаи ҳамкории гуногунҷанбаи давлатҳои аъзои иттиҳод мубодилаи афкор намуда, рӯзномаи ҷаласаи қарибулвуқӯи Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар шаҳри Остона ва масоили алоҳидаи рӯзномаи минтақавӣ ва байналмилалии мавриди эҳтимоми тарафайнро баррасӣ карданд.

**www.president.tj**

## СИЁСАТИ МУВАФФАҚИ ХОРИҶӢ ВА САҲМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ИН РАВАНД

**Далели бебаҳс аст, ки саҳми Пешвои миллат баҳри муайян кардан ва расидан ба ҳадафҳо, коркарду пешбурди усулҳои самаровар ва барои ҷомеаи ҷаҳонӣ қобили қабул дар сиёсати хориҷии мамлакат меҳвар ва муассир аст. Муҳиму беназир он аст, ки тавсеа ва тақвияти сиёсати хориҷии кишвари мо ба тахайюли коршиносону ба истилоҳ назарияпардозон рабте надошта, маҳсули фаъолияти пурмаҳсул, иродаи қавӣ ва рӯҳияи шикастнопазири Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳсуб мешавад.**

Тавре соли гузашта дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр шуд: «Мизони асосии усули «дарҳои кушода», ки мо дар сиёсати хориҷии худ пеш гирифтаем, роҳандозӣ кардан ва пешбурди муносибатҳои дӯстона, ҳамсоягии нек, шарикӣ, ҳамкории судманд бо кишварҳои хориҷӣ, созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ ва ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ мебошад».

Аз далелҳои таърихӣ ҳам бармеояд, ки таърихи давлатдории тоҷикон собиқаи тӯлонӣ ва ғании дипломатӣ дорад ва дар бораи сифату хислати сафирон ё ба қавли ниёгонамон - фиристодагон даҳҳо китобу рисолаҳо таълиф шудаанд. Дар осори бузургон сифатҳои умдаи фиристодагон - муаррифгарони роҳбари давлат ва миллату кишвари худ, яъне хирадмандӣ, равшанравонӣ ба маънои ахлоқи нек ва аҳамияти забондонӣ, ба таври возеҳ таъкид шудаанд.

Тавре Пешвои миллат дар суханрониашон бахшида ба нахустин таҷлили «Рӯзи кормандони хизмати дипломатӣ» ва ифтитоҳи биноi Сарраёсати консулии Вазорати корҳои хориҷӣ 29 сентябри соли 2016 иброз доштанд: «Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди сипарӣ гардидани марҳилаи аввали соҳибистиқлолӣ, ки давроні ба эътидол овардани вазъияти дохилӣ ва таҳкими пояҳои давлатдорӣ буд, дар робитаи байналмилалии худ сиёсати «дарҳои кушода»-ро эълон дошт, ки ин хатти сиёсӣ имрӯз низ муваффақона идома дорад. Самараи чунин сиёсатро мо дар робитаҳои хориҷии гуногунҷанбаи кишварамон дар арсаҳои гуногун мебинем».

Интихоби сиёсати «дарҳои кушода» дар самти рушди ҳамкориҳои хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол бо кишварҳо, созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дар марҳилаи аввали соҳибистиқлолӣ аз фазилатҳои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст. Сиёсати «дарҳои кушода», ки меҳвари аслии муносибатҳои мо бо ҷаҳони муосир интихоб гардид, дар давоми Истиқлолияти давлатӣ воқеӣ, дуруст ва судовар буданро нишон дод.

Ин сиёсат доираи шарикони Тоҷикистонро афзоиш бахшида, барои таъмин намудани иштироки густурдаи кишвар дар фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ заминаи мусоид фароҳам овард. Дар ин раванд, ҳимояи манфиатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва амниятии Тоҷикистон, ҷалби сармояи хориҷӣ ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ, эҷоди шароити мусоиди берунӣ барои рушди устувори кишвар ва таъмини бехатарии он муҳим дониста мешуд. Маҳз амалӣ гардидани ин усул дар сиёсати хориҷии кишвар барои тавсеа ва таҳкими муносиботи дуҷонибаю бисёрҷониба бо мамлакатҳои олам ва ҳифзу ҳимояи манфиатҳои миллию давлатӣ дар арсаи байналмилалӣ уфуқҳои навро боз намуд.

Ба гуфти вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин: «Вазорати корҳои хориҷӣ, ҳамчун мақоми татбиққунандаи сиёсати хориҷии давлат, фаъолияти худро дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар, супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳ мондааст. Дар ин росто, мулоқотҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақомҳои баландпояи хориҷӣ дар дохил ва хориҷи кишвар дар тавсеа ва таҳкими бештари муносибатҳои кишвари мо бо ҷомеаи ҷаҳонӣ нақши бориз доштанд. Дар чунин шароит сиёсати хориҷии Тоҷикистон бояд нақши худро дар ҳифзи амну субот дар минтақа, атрофи он ва ҳалли масъалаҳои гуногуни байналмилалӣ гузошт».

Лозим ба ёдоварист, ки кишвари мо замоне ба бунёди давлатдорӣ оғоз кард ва сиёсати хориҷиро таҳким бахшид, ки низоми сиёсии ҷаҳон рӯ ба дигаргунӣ оварда буд. Бар замми ин, дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ Тоҷикистонро ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ фаро гирифт ва дар он шароит сиёсате бояд пеш гирифта мешуд, ки бақои давлат ва якпорчагии миллатро таъмин ва мавқеи сиёсии кишварро дар арсаи байналмилалӣ мустаҳкам менамуд. Аз оғози Истиқлолияти давлатӣ, вобаста ба шакли идоракунии парламентӣ доштани мамлакатамон, то соли 1994 робитаҳои байнидавлатӣ ва байналмилалии Шӯрои Олӣ ба сифати мақомоти олии намояндагии ҳокимияти давлатии Тоҷикистон дар шакли иштироки парламентӣ дар муносибатҳои байниҳукуматӣ ва байнипарламентӣ татбиқ мегардид.

Тавре вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидмурод Фаттоҳзода ва Хайриддин Усмонзода зикр кардаанд: «Тарзи ташкили фаъолияти парламент дар симати Шӯрои Олӣ беихтиёр ба хусусияти роҳандозии робитаҳои хориҷии он низ таъсиргузор буд. Намояндагони мардумӣ дар як маврид ҳам салоҳияти намояндагии сохторҳои ҳукуматӣ ва ҳам узви мақоми олии намояндагии ҳокимияти давлатиро ба ҷой меоварданд. Дар ҳар ду маврид вобаста ба шакли идоракунии парламентӣ доштани давлат ташкил ва татбиқи амалияи мазкур таҳти идоракунии Раёсати Шӯрои Олӣ сурат гирифта, сохторҳои ҳокимияти иҷроия сиёсати беруниро дар мувофиқа бо парламент амалӣ мегардониданд. Моҳи декабри соли 1993 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид, ки минбаъд барои ташаккули таҷрибаи аз мавқеи ягона муаррифӣ кардани ҳадафҳои сиёсати дохилию хориҷии Тоҷикистон дар арсаҳои берунӣ заминаи меъёрии ҳуқуқӣ фароҳам овард. Дар заминаи он дипломатияи парламентӣ ба манбаи муҳими татбиқи ҳадафҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфта, тамоюли ташаккулёбии он дар қаринаи дипломатияи касбӣ ва мардумӣ фароҳам гардид. Барои муназзам ба роҳ мондани амалияи мазкур соли 1994 дар таркиби раёсати коргузории Шӯрои Олӣ бо дастури Раиси Президиуми Шӯрои Олӣ шуъбаи робитаҳои байнипарламентӣ таъсис ёфт».

Аз ҷониби коршиносон эътироф шудааст, ки ташаккул ва татбиқи сиёсати хориҷӣ, ки меҳвари онро сиёсати «дарҳои кушода» ташкил медиҳад, аз дастовардҳои бузурги давлат дар замони соҳибистиқлолӣ ба шумор меравад. Ба шарофати сиёсати хориҷии муваффақ кишвари мо дар арсаи байналмилалӣ мавқеи шоиста пайдо намуда, муносибат ва ҳамкориҳои гуногунҷанбаро бо кишварҳои дунё, созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ ва ниҳодҳои бонуфузи молиявӣ ба роҳ монд. Ҳақ ба ҷониби доктори илмҳои фалсафа Махфират Хидирзода аст, ки нигоштааст: «Пешвои миллат ҳамчун шахсияти таърихӣ ва сиёсатмадори арсаи байналмилалӣ тавонистанд дар муддати нисбатан кӯтоҳ мамлакатро аз вартаи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ наҷот дода, дар шоҳроҳи устувори рушд роҳнамоӣ намоянд. Дар ин раванд қобилияти дарки баланди воқеият дар баробари дигар хислатҳои сарварии Пешвои миллат имконият дод, ки хусусияти ҳар марҳила дурусту дақиқ эҳсос карда шуда, вобаста ба он технологияи мувофиқи амалисозии ҳадафҳо интихоб карда шавад».

Бамаврид аст ёдовар шавем, ки 29 сентябри соли 1993 дар таърихи муосири сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи воқеан муҳим ба шумор меравад. Дар ин рӯзи хотирмон аввалин маротиба аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид нақшаҳои бунёдкорона, ҳадафҳои сулҳҷӯёна ва азму ниятҳои неки давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон ҳамчун субъекти мустақили робитаҳои байналмилалӣ ба тамоми аъзои ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ гардиданд.

Зимни пажӯҳиши маълумоти марбут ба он давра маълум гардид, ки соли 1993 дувоздаҳ созмони байналмилалӣ, аз қабили Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Хазинаи байналмилалии асъор, Бонки ҷаҳонӣ ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд, соли 1994 ҳашт, соли 1995 ду ва соли 1996 боз ду созмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндагӣ таъсис дода, ба фаъолият шурӯъ намуданд.

«Айни ҳол Тоҷикистон, дар маҷмӯъ, ба узвияти беш аз 80 созмони минтақавию байналмилалӣ ва ниҳоди молиявии ҷаҳонӣ пазируфта шуда, ҳамроҳ бо дигар кишварҳо дар ҳаллу фасли мушкилоти сиёсиву амниятӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷаҳон нақш мегузорад. Дар баробари ин, Тоҷикистон ба зиёда аз 350 санади байналмилалӣ, ба мисли конвенсияҳо, хартияҳо ва эъломияҳои байналмилалӣ, ҳамроҳ шуда, уҳдадориҳоро дар самти расидан ба ҳадафҳои ҷаҳонӣ, аз қабили рушди иҷтимоӣ, беҳбуди вазъи иқтисодӣ, ҳифзи муҳити зист ва амсоли онҳо, иҷро менамояд».

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## ДАР ШӮРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**10 октябри соли 2022 таҳти раёсати муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мансурӣ Дилрабо Сайдулло ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар оғози он масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти эҳсонкорӣ», «Оид ба лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи баргардондани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи баргардондани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдои электронӣ» ва «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ» мавриди таҳлил қарор гирифта, пас аз шарҳу тавзеҳи раисон ва узви кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ ва оид ба иқтисод ва молия барои баррасӣ ба ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардиданд.

Сипас, масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» ва «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои пешниҳоди хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ниҳодҳои дахлдор ирсол шуданд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» дар алоҳидагӣ қарор қабул кард.

**Хӯҷаназари АМИНИЁН, «Садои мардум»**

### Аз фаъолияти парламентҳои ҷаҳон



## НАФАҚА ЗИЁД МЕШАВАД

**Муовини раиси Кумитаи Шӯрои Федератсия оид ба сиёсати иҷтимоии Думаи давлатии Федератсияи Россия Елена Бибикова дар мусоҳиба бо хабарнигори «Парламентская газета» гуфт, ки аз 1 январи соли 2023 нафақаи шаҳрвандони кишвар зиёд мешавад.**

«Бо вуҷуди мушкилоти молиявӣ ин масъала дар парламент гузошта шудааст ва дар яке аз ҷаласаҳои соли равон дида баромада мешавад. Алҳол маълум нест, ки он чӣ қадар афзоиш меёбад, аммо дар назар аст маблағи иловагӣ на бояд камтар аз ҳазор рубл бошад. Аъзои парламент зимни баррасии қонун дар бораи буҷети соли 2023, ки алҳол таҳия мегардад, масъалаи зикршударо низ дар мадди назар гирифтаанд» - шарҳ додааст Елена Бибикова.

**«Парламентская газета»**



## ДОРУХАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ТАВАССУТИ ИНТЕРНЕТ

**Ҳамчунин, ба Думаи давлатии Федератсияи Россия лоиҳаи қонуне пешниҳод шуд, ки ба масъалаи харидории дору тавассути интернет бахшида шудааст. Тавре дар ҳуҷҷат омадааст, ин кор танҳо бо дорухати духтурон анҷом дода хоҳад шуд ва он дар яке аз ҷаласаҳои наздиктарин мавриди баррасӣ қарор мегирад.**

Бино ба гуфтаи роҳбари Шӯрои мумайизон оид ба масъалаҳои танзими гардиши маҳсулоти доруворӣ ва маҳсулоти тиббӣ вакил Александр Петров, даво ва маҳсулоти тиббиро тавассути интернет бо ёрии дорухати электронӣ харидорӣ кардан мумкин аст. Бо ин дорухати электронӣ ва пешниҳоди шиносснома, мизоҷ аз дорухона метавонад доруи заруриро дастрас намояд. Ин тарзи кор имкон медиҳад, ки пеши роҳи дорухатҳои қалбакии коғазӣ гирифта шавад.

**«Парламентская газета»**



## САММИТИ ПАРЛАМЕНТҲО ДАР ИНДОНЕЗИЯ

**Дар Индонезия Саммити раисони парламентҳои мамлакатҳои «Бистгонаи бузург» оғоз ёфт. Намояндагони Федератсияи Россия таҳти роҳбарии Раиси Шӯрои Федератсия Валентина Матвиенко дар ин ҳамоиш иштирок менамоянд.**

«Мо метавонем дар мамлакат амният ва зиндагии осоиштаи шаҳрвандонамонро таъмин намоем ва истиқлолиятамонро таҳким бахшем», - гуфт аз ҷумла зимни суханронӣ дар Саммит Валентина Матвиенко.

**«МИР»**

**Таҳияи Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»**

# СИЁСАТИ МУВАФФАҚИ ХОРИҶӢ ВА САҲМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ИН РАВАНД

**(Идома аз саҳ. 1)**

Аввалин санадҳои муайянкунандаи масири сиёсати хориҷии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати дипломатӣ» ва «Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» маҳсуб мешаванд. Бо қабули онҳо ва муҳайё гардидани дигар заминаҳо барои рушди сиёсати хориҷӣ Тоҷикистон ҳамчун кишвари озоду соҳибистиқлол дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ гардид, рушди ҳамкорӣ ва муносибатҳои дуҷонибаю бисёрҷониба бо давлатҳою созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ аз ҳадафҳои муҳими давлат дониста шуд. Илова бар ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо эътироф кардани санадҳои робитаҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид, Санади хотимавии Хелсинки, Баёнияи Париж ва дигар санадҳои зербиноӣ сиёсати дохилӣ ва хориҷиро бунёд намуда, эълон кард, ки инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯро, сарфи назар аз мансубияти миллӣ, мазҳабӣ, нажодӣ ва ҷинсӣ, арзиши олӣ мешуморад.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ сиёсати «дарҳои кушода», ҳамчун фарҳанги ҳамзистӣ бо оламиён аз ҷониби роҳбарияти кишвар муаррифӣ гардида, дар асоси он сиёсати хориҷии бисёрсамта, ботавозун ва прагматикӣ тарҳрезӣ шуд ва тавсеаву таҳкими робитаҳои дӯстона, ҳамкориҳои судманд бо кишварҳои гуногуни олам зина ба зина равнақ ёфтанд.

Дар робита ба ин, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 10 марти соли ҷорӣ дар доираи сафари расмӣ ба Донишгоҳи Қоҳираи Ҷумҳурии арабии Миср зимни суханронӣ дар назди устодону донишҷӯёни донишгоҳи мазкур чунин таъкид карданд: «Кишвари мо дар тӯли 30 соли соҳибистиқлолии хеш тавонист бо кишварҳои минтақаҳои гуногуни ҷаҳон ва созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ муносибатҳои дуҷонибаву бисёрҷониба барқарор намуда, мавқеъашро дар арсаи байналмилалӣ мустаҳкам гардонад. Таи давраи на чандон тӯлонии таърихи муосири хеш Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардид ва бо аксари давлатҳои олам равобиту ҳамкории хубу судбахшро ба роҳ монд.

Мо аз минбари созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ пайваста ташаббусу ибтикорҳои созандаро ҷиҳати ҳалли мушкилоти ҷаҳону минтақа, аз ҷумла дар масъалаҳои вобаста ба об, тағйирёбии иқлим, мубориза бо терроризм, ифротгароӣ, қочоқи силоҳ ва маводи мухаддир, ҷиноятҳои киберӣ ва ҷиноятгории муташаккили фаромиллӣ, ба самъи ҷаҳониён мерасонем».

Сиёсати «дарҳои кушода» меҳвари сиёсати хориҷии Тоҷикистонро таҷассум мекунад ва дар заминаи татбиқи муваффақонаи он ҳар сол миёни Тоҷикистон ва беш аз 100 кишвари ҷаҳон табодули мол сурат мегирад. Тоҷикистонро ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ зиёда аз 179 давлати ҷаҳон ба расмият шинохтааст ва бо 126-тои он муносибатҳои дипломатӣ барқарор намудааст. Тоҷикистон дар доираи ҳамкориҳои созандаи хориҷӣ бо кишварҳои гуногуни олам зиёда аз 1200 ҳуҷҷати дуҷониба ба имзо расонидааст, ки масъалаҳои муносибату ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, ҳарбӣ, ҳарбӣ - техникӣ, амният, илм, фарҳанг, маориф, тандурустӣ, сайёҳӣ ва ғайраҳоро фаро мегиранд.

Бештари ташаббусҳои сиёсӣ, аз ҷумла рушди ҳамкориҳои минтақавӣ, як зумра ташаббусҳо оид ба истифодаи оқилонаи захираҳои об ва ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика, мубориза бар зидди терроризм, экстремизм ва қочоқи маводи мухаддир, инчунин, дигар пешниҳодҳои арзишманди роҳбарияти Тоҷикистон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамовозӣ ва дастгирӣ ёфтанд.

Коршиносону мутахассисон ташаббусҳои ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи об дар арсаи байналмилалӣ назаррас арзёбӣ мекунанд, ки аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид дастгирӣ ёфта, самти фаъолияти ҷомеаи ҷаҳониро аз баррасиву изҳори мақсад ва эълони уҳдадориҳо ба иҷрои чораҳои амалӣ равона кардаанд.

Бояд дарк кард, ки пешниҳоду ташаббусҳои кишвар бо роҳбарии Пешвои миллат танҳо бо масъалаи об иктифо намешавад. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун абармарди дунёи сиёсат вобаста ба мушкилоти дигари сайёра низ ибтикореро амалӣ карданд, ки дар арсаи байналмилалӣ бо иттифоқи оро дастгирӣ ёфтанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити нисбатан ҳассос ва зудтағйирёбандаи ҷаҳон сиёсати хориҷиро дар сатҳи хубу сифати баланд ба роҳ монда, дар ин ҷода комёб гардид. Коршиносони масоили сиёсӣ ҳама пешравиро дар самти робитаҳои байналмилалӣ бо мавқеи устувори сиёсӣ ва дурандешию башардӯстии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон марбут медонанд. Роҳбари мамлакат, ки бо пешниҳоду ташаббусҳои беназир абармарди дунёи сиёсат эътироф гардидаанд, таҳрикбахши мамлакат дар ҳама самт, аз ҷумла сиёсати хориҷӣ, маҳсуб мешаванд.

Ба қавли собиқ муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот, ҳоло раиси ноҳияи Ёвон Ҷамшед Саидзода «Ҳангоми дар бораи ҷойгоҳи байналмилалии Тоҷикистон сухан гуфтан бояд ёдовар шавем, ки кишвари мо як узви назоратгари одии равандҳои сиёсии байналмилалӣ набуда, балки сиёсати хориҷии ташаббускор дорад. Мо дар сафарҳои хизматию расмии худ ба хориҷи кишвар борҳо шоҳиди он гаштаем, ки хориҷиён аз давлату миллати мо, пеш аз ҳама, шахсияти Сарвари давлатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёдовар шуда, халқу миллати тоҷикро хушбахту саодатманд меҳисобанд, ки чунин сарвари оқилу доно ва сиёсатмадори шинохтаю миллатдӯст насибамон шудааст. Дар бораи шахсияти бузург ва сиёсатмадори сатҳи ҷаҳонӣ муаррифӣ гардидани Сарвари давлатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон суханҳои дар ҳаққи ӯ гуфтаи аксари роҳбарони давлатҳои абарқудрати ҷаҳон ва сазовор гардиданашон ба ҷоизаҳою мукофотҳои созмону ташкилотҳои бонуфузтарини байналмилалӣ, ки шумораи онҳо хеле зиёданд, гувоҳӣ медиҳанд».

Хулосаи ниҳоӣ аст, ки ба шарофати муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷойгоҳи кишвари мо дар сиёсати байналмилалӣ ва ҳаллу фасли мушкилоти сайёра хоса буда, сиёсати хориҷии кишвар бо назардошти манфиатҳои милливу давлатӣ роҳандозӣ шудааст.

**Далер АБДУЛЛО, «Садои мардум»**

---

**27 сентябри соли 2022 таҳти раёсати раиси Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода Иҷлосияи дувоздаҳуми Маҷлиси вакилони халқи вилоят даъвати шашум баргузор гашт.**



Дар он вакилон рафти иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2021 «Дар бораи Барномаи рушди соҳаи тухмипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025»-ро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Зикр гардид, ки дар вилояти Суғд 29 хоҷагӣ, аз ҷумла 20 хоҷагӣ дар самти пахтакорӣ, 4 - дар самти картошкапарварӣ, 3 - дар самти гандумпарварӣ, 1 хоҷагӣ дар самти шолипарварӣ ва 1 хоҷагӣ дар самти сабзавоткорӣ ва шабакаҳои махсуси тухмипарварӣ амал мекунанд.

Зимни таҳлили фаъолияти кори як қатор муассисаҳои масъули соҳа дар шаҳру ноҳияҳои вилоят камбудиву норасоиҳои ҷиддӣ ба назар расида, ҷиҳати рафъи онҳо супоришҳои мушаххас дода шуданд.

# ВАКИЛОН МАСЪАЛАИ ТАЪМИНОТ БО ТУХМИҲОРО БАРРАСӢ КАРДАНД

Дар иҷлосия муовини раиси вилоят Зариф Мирдадо, сардори Сарраёсати кишоварзии вилоят Маъруфҷон Шарифиён, раисони шаҳру ноҳияҳо барои ворид намудани тухмиҳои гандум, картошка ва чигити элитаю репродуксионӣ ва аз ин ҳисоб баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо, пурзӯр намудани фаъолияти хоҷагиҳои тухмипарвар ва таҳкими базаи моддию техникии онҳо муваззаф гардиданд.

Ҳамчунин, ҳисоботи Комиссияи доимии Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд оид ба масъалаҳои ислоҳоти иқтисодӣ ва буҷет шунида шуд.

**М. МАҚСУДОВ, «Садои мардум»**

---

# ИҶЛОСИЯИ ДУВОЗДАҲУМИ МАҶЛИСИ ВАКИЛОНИ ХАЛҚИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ДОИР ШУД

**Дар маркази маъмурии вилояти Хатлон - шаҳри Бохтар 27 сентябри соли ҷорӣ таҳти раёсати раиси Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон Қурбон Ҳакимзода, Иҷлосияи дувоздаҳуми Маҷлиси вакилони халқи вилоят даъвати шашум баргузор гардид.**



Дар он рафти иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2020 таҳти №386 «Дар бораи Барномаи амнияти озуқаворecho Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 – 2024» дар шаҳру ноҳияҳои вилоят», иҷрои дастури раиси вилояти Хатлон аз 8 августи соли 2017, оид ба Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи давлатии рушди системаи такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018 - 2022» дар шаҳру ноҳияҳои вилоят» мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтанд.

Муовини якуми раиси вилоят Амонулло Салимзода доир ба масъалаи якум зикр кард, ки дар ин давра ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар вилоят 106 – 107 фоиз таъмин гардид. Тайи ин солҳо 1172 гектар замини холимонда, 358 гектар замини партов, 269 гектар чарогоҳ, 33 гектар дигар заминҳо, дар маҷмӯъ, 1832 гектар замин дар вилоят ба гардиши кишоварзӣ ворид карда шуд. Дар зиёда аз 20 ҳазор гектар замини байни боғу токзорҳо, партов, чарогоҳ ва дигар заминҳо зироатҳои гуногуни кишоварзӣ кишт гардид.

- Дар баробари муваффақиятҳо дар иҷрои барнома камбудиҳо низ ҷой доранд. Агар давра ба давра 26 ҳазору 408 гектар замини партов, 1012 гектар замини холимонда истифода шаваду зиёда аз 16 ҳазор гектар замини обӣ ҳолати обёриашон беҳтар гардад, иҷрои барномаи амнияти озуқавории вилоят хубтар хоҳад шуд, - гуфт Амонулло Салимзода.

Аз рӯи масъалаи дуюм сардори Раёсати маорифи вилояти Хатлон Ғазалшоҳ Сафарзода ҳисобот дод.

Ба роҳбарони шаҳру ноҳияҳо ва Раёсати маорифи вилоят дастур дода шуд, ки ҷиҳати баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон, ташкили курсҳои такмили ихтисоси сайёр, пардохти саривақтии сафархарҷии омӯзгорон ба курсҳои такмили ихтисос, таъмини китобхонаҳои электронии филиалҳои донишкада ва дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Донишкадаи такмили ихтисос чораҳои лозимӣ андешида шавад.

Дар иҷлосия, ҳамчунин, ҳисоботи раиси Комиссияи доимии Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон оид ба масъалаҳои рушди соҳаи саноат, энергетика, меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмон, нақлиёт ва коммуникатсия Заробиддин Файзуллозода шунида шуд.

Дар фарҷом, аз ҷониби вакилони Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон дар бораи пешниҳоди вакилони Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Вахш, оид ба қарори Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Вахш аз 13 октябри соли 2021 таҳти №75 «Дар бораи номгузорӣ намудани муассисаи давлатии мактаби варзишии ноҳияи Вахш ба номи Мурод Хоҷа» тасдиқ шуда, қарори дахлдор қабул гардид.

**Сулаймон СУЛТОНОВ, «Садои мардум»**

---

# МАЪРИФАТИ ЭКОЛОГӢ АЗ ОИЛА ОҒОЗ МЕГАРДАД

**Таҳти раёсати муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Сулаймон Зиёзода дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон ҷаласаи Комиссияи байниидоравии давлатӣ оид ба маърифати экологӣ баргузор гардид, ки дар он намояндагони вазорату кумитаҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва як қатор шаҳру ноҳияҳо ширкат варзиданд. Сулаймон Зиёзода зимни ифтитоҳи ҷаласа иброз дошт, ки яке аз самтҳои муҳимтарини таъмини рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули тафаккур ва маърифати экологӣ мебошад. Аз ин рӯ, гузариш ба иқтисоди «сабз» барои бештар таваҷҷуҳ зоҳир кардан ба мавзӯъҳои ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ тақвият ёфтани маърифати экологиро тақозо менамояд. Инчунин, бо назардошти принсипҳои иқтисоди «сабз», ташаккул додани стандартҳои таълимии насли нав хеле муҳим аст.**

Раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Баҳодур Шерализода дар бораи рафти иҷрои Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалигардонии «Барномаи давлатии маҷмӯии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» иброз дошт, ки ҳифзи муҳити зист, тозаю озода нигоҳ доштани шаҳру деҳоти кишварамон масъулияти баланди ҳар яки моро талаб мекунад. Аз ин рӯ, саҳм гузоштан дар татбиқи барнома қарзи шаҳрвандии сокинони мамлакат аст.

Барномаи зикршуда барои ташаккул додани низоми босифати маърифати экологӣ, ки ҷавобгӯи эҳтиёҷоти рушди устувори кишвар мебошад, пешбинӣ шудааст. Яке аз принсипҳои он ҳатмӣ будани донишҳои экологӣ дар низоми тарбия ва маърифати экологӣ, инчунин дохил кардани масъалаҳои тарбия ва маърифати экологӣ ба барномаҳои мақсадноки давлатӣ, соҳавӣ ва маҳаллӣ мебошад.

- Чанд сол аст, ки бо мақсади беҳдошти вазъи муҳити зист, истифодаи оқилонаи захираҳои табиат, баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ дар мамлакат аксияҳои «Тозагии соҳил», «Тозагии маҳал», «Тозагии роҳ» ва «Ҳавои тоза» гузаронида мешаванд, ки дар он ҷавонону наврасон, донишҷӯёну хонандагон ва ҷамоатчигии шаҳру деҳот фаъолона иштирок намуда, дар тоза нигоҳ доштани муҳити атроф саҳми арзанда мегузоранд, - афзуд Баҳодур Шерализода.

Раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зист зикр кард, ки чанд сол боз бо ибтикори ниҳоди мазкур Клуби экожурналистон амал мекунад, ки 25 рӯзноманигори шабакаҳои телевизиону радио ва рӯзномаю маҷаллаҳои ҷумҳурӣ ба он шомиланд.

Муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамшед Ҷӯразода зикр кард, ки маърифат ва тарбияи экологӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҳама зинаи таҳсил гузаронида мешавад. Маърифати экологии кӯдакони синни томактабӣ ҳамчун як ҷузъи маърифати муттасили экологӣ яке аз самтҳои муҳими кори муассисаҳои томактабӣ буда, бояд ҳолатҳои зеҳнӣ ва равонии кӯдакро фаро гирад.

Ҷамшед Ҷӯразода афзуд, ки соли равон 41 мудиру сармураббияи муассисаҳои томактабӣ аз давраи такмили ихтисос дар самти маърифати экологӣ гузаштанд. Соли равон барои наврасон 4 лагери экологӣ ташкил карда шуд. Ҳоло дар аксар муассисаҳои таълимӣ маҳфили «Табиатдӯстони ҷавон» амал мекунад.

Муовини раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Сураҷ Чоршанбезода иброз намуд, ки бо мақсади тарғиби маърифати экологӣ ҳар рӯзи шанбе бо ташаббуси ҷавонони шаҳру ноҳияҳо аксияи «Соҳили тоза» гузаронида мешавад.

Тайи нуҳ моҳи соли равон 1086 чорабинии тозагию ободонӣ баргузор гардид, ки дар онҳо 167 ҳазор нафар ҷавонон ширкат варзиданд. Инчунин, бо мақсади пос доштани хотири ниёгон зери шиори «Мо - ҷавонон ба гузаштагони худ арҷ мегузорем» бо иштироки 2300 нафар аксияи тоза кардани оромгоҳҳо баргузор шуд. Дар назди кумита «Клуби волонтёрони эколог» таъсис ёфтааст, ки дар он ҷавонон ба корҳои ободонию сарсабзкунии диёр ҷалб мешаванд.

Муовини раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Умеда Абдуллозода таъкид кард, ки дар тарбияи экологии насли наврас оила саҳми калон мебозад. Меҳрубонӣ, ғамхорӣ нисбат ба дигарон, эҳтиром ба калонсолон, раҳмдилӣ, ваҳдат ҳамаи ин сифатҳо асоси фарҳанги экологӣ мебошанд. Арзишҳои ахлоқӣ ва экологии кӯдак, ки аз хурдсолӣ тарбия карда мешаванд, дар ҳаёти калонсолии ӯ низ боқӣ мемонанд.

Муовини якуми раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Субҳиддин Шамсиддинзода зикр кард, ки ҷалби воситаҳои ахбори омма ба раванди маърифати экологӣ дар оила ва муттаҳидсозии сокинони шаҳру ноҳияҳо дар ҳалли масъалаҳои ҳифзи муҳити зист хеле муҳим аст. Ҳоло дар шабакаҳои «Телевизиони Тоҷикистон», «Сафина», «Баҳористон», «Илм ва табиат», «Ҷаҳоннамо», «Синамо», инчунин, шабакаҳои радио барномаҳои махсуси экологӣ таҳия мешаванд, ки мухлисони зиёд доранд.

Муовини Сарвазири ҷумҳурӣ Сулаймон Зиёзода баъди шунидани музокираҳо эрод гирифт, ки дар баъзе аз муассисаҳои таълимӣ ҳатто як дарахти сабз ба чашм намерасад. Дар чунин ҳолат кӯдак аз кӯҷа ба табиати сабз меҳр пайдо мекунад? Қариб 93 дарсади ҷумҳуриро кӯҳистон ва талу теппаҳо ташкил медиҳанд. Ҳоло қисмати зиёди теппаҳо бекор хобанд, ҳол он ки дар онҳо метавон ҷангал, боғ ва токзор бунёд кард. Як қисми заминҳо дучори шӯразанӣ гаштаанд. Бо мақсади пешгирии бодхӯрдашавии заминҳо дар атрофи заминҳо «камарбанди дарахтони муҳофизатӣ» бунёд бояд кард. Дар ҷумҳурӣ теъдоди хонандагон қариб ба 3,5 миллион нафар мерасад. Агар ҳар кадоми онҳо яктоӣ ниҳол шинонанд, соле 3,5 миллион бех ниҳол сабз мешавад.

Ҳатто дар ноҳияи иқлимаш сарди Мурғоб низ метавон дарахт шинонид. Зимни чаронидани чорво баъзе аз қисматҳои чарогоҳро барои пухта расидани тухми алафҳои табиӣ нигоҳ бояд дошт.

Дар хотима Сулаймон Зиёзода ба масъулони соҳаҳо баҳри рафъи камбудиҳо супоришҳои мушаххас дод.

**Сайфиддин СУННАТӢ, «Садои мардум»**

---



# АВҶИ КОРҲОИ СОЗАНДАГӢ

**Тавре, мудири бахши меъморӣ ва шаҳрсозии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб Қурбон Аҳмадзода иттилоъ дод, дар чор соли оянда бо мақсади дар сатҳи олӣ пешвоз гирифтани 35 - солагии Истиқлолияти давлатӣ бунёд ва аз нав сохтани 462 иншооти таъиноташон гуногун ба нақша гирифта шудааст. Аз ҷумла, 86 муассисаи таълимӣ, 48 бунгоҳи тиббӣ, 40 коргоҳу корхонаи саноатӣ, 16 толору майдончаи варзишӣ, 44 маркази хизматрасонӣ, 40 маркази савдо, 33 бинои баландошёна, 106 иншоот дар самти нақлиёт ва коммуникатсия аз ҳамон ҷумлаанд.**

- Соли ҷорӣ дастовардҳои сохтмончиёни шаҳри Кӯлоб бунёд ва ба истифода додани 45 иншооти таъиноти гуногун бо таъсиси 100 ҷои нави кор, аз ҷумла ду коргоҳи парандапарварӣ, муассисаи таълимӣ, биноҳои маъмурии Кумитаи идораи замини шаҳр ва минтақаи Кӯлоб, Агентии «Тоҷикстандарт» дар минтақаи Кӯлоб, Маркази хизматрасонӣ ва Коллеҷи электронии шаҳри Кӯлоб ба истифода дода мешаванд, - гуфт Қурбон Аҳмадзода.

Ӯ, ҳамчунин, афзуд, ки айни замон дар 150 иншоот корҳои сохтмонӣ бомаром идома дорад.

Тибқи қарори раиси шаҳри Кӯлоб соли ҷорӣ «Соли рушди саноат ва роҳҳои обод» эълон гардида, бо ин мақсад дар минтақаи саноатии шаҳр ба 11 соҳибкор қитъаи замин барои бунёди корхонаҳои саноатӣ ҷудо карда шуд. Инчунин, барои таъмини ҳаракати бехатарии нақлиёт ва пешгирии танбашавӣ воситаҳои нақлиёт, роҳи алтернативӣ дар кӯчаи Чармгарони поён бо дарозии 850 метр аз ҳисоби маблағгузории буҷети маҳаллӣ пурра асфалтпӯш гардид.

**Исломи РАҶАБАЛӢ, «Садои мардум»**

---

# ВОЛОИЯТИ ҚОНУН - АСОСИ ПЕШРАФТИ ДАВЛАТИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

**Солҳои аввали соҳибистиқлолӣ барои мардуми тоҷик ва миллатҳое, ки дар ин сарзамини биҳиштосо умр ба сар мебаранд, замони санҷишу имтиҳоноти ҷиддӣ буд. Дар он рӯзҳо Тоҷикистон бо дасисаи нотавонбинон ва хоҷагони хориҷӣ ба гирдоби даргириҳо кашида шуда, муқовимату мухолифатҳо боиси қурбониҳои зиёди ҷонӣ ва хисороти моддиву маънавӣ ва гуреза шудани ҳазорҳо сокини кишвар гардид. Унсурҳои ҷинояткор аз вазъият сӯиистифода намуда, моликияти давлатӣ ва халқро ғорат мекарданд.**

Хушбахтона, болои сари мардуми ҷафокашидаи тоҷик аз нав офтоб дурахшон гашт ва ҷанг хотима ёфта, роҳи сулҳу салоҳ пеш гирифта шуд. Ин кор аз Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар шаҳри бостонии Хуҷанд баргузор шуд, оғоз ёфт. Дар он иҷлосия қарорҳое қабул шуданд, ки раванди бомароми ташкили давлати конститутсиониро таъмин карданд. Хусусан, Раиси Шӯрои Олӣ интихоб шудани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯйдоди муҳим ба ҳисоб меравад. Роҷеъ ба иҷлосия сухан ронда, Сарвари давлат дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 декабри соли 2021 иброз доштанд: «Бояд гуфт, ки сохти оянդаи давлатдории тоҷикон аввалин маротиба дар ҳамин иҷлосияи таърихӣ пешниҳод гардид, яъне ман ҳанӯз дар рӯзҳои аввали иҷлосия иброз дошта будам, ки ҷонибдори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ҳастам».

Тадриҷан давлати тозабунёд ташаккул ёфта, сохтору мақомоти давлатӣ аз нав барқарор ва ба фаъолият пардохтанд, сулҳу субот дар қаламрави кишвар таъмин гардид ва мардум таҳти сарварии Пешвои хеш ба бунёдкорию созандагӣ рӯ оварданд.

Аз рӯзҳои аввали барқарорсозии ҳокимияти конститутсионӣ барои муайян кардани асосҳои бунёдии ҷомеа, шакли идораи давлат ва дигар арзишҳои давлатдорӣ зарурати қабули Конститутсияи нав ба миён омад. 6 ноябри соли 1994 аввалин маротиба дар таърихи Тоҷикистони соҳибихтиёр Конститутсия бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардид. Дар асоси ин қонуни асосӣ, оянда ислоҳоти конститутсионӣ гузаронида, баҳри волоияти қонун, таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандони кишвар, рушди системаи давлатдорӣ, тараққии соҳаҳои гуногуни хоҷагии мамлакат садҳо санади меъёрии ҳуқуқӣ, нақша ва барномаҳои давлатӣ қабул гардиданд.

Таъсиси парламенти дупалатагии касбӣ, Қувваҳои Мусаллаҳ, сохторҳои дигари қудратӣ ва тақвияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва суд ба рушди давлатдорӣ такони ҷиддӣ бахшид.

Алҳол сохтору мақомоти давлатӣ бо низому тартиби муайян баҳри рушди устувори давлати тоҷикон фаъолият мебаранд. Аз ҷумла, мақомоти судӣ баҳри таъмини волоияти қонун, ҳимояи манфиати аҳли ҷомеа, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон кӯшиш ба харҷ дода истодаанд.

Баҳри иҷрои чунин аҳдофи муҳим борҳо Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, ки дар баробари таҳияву қабули қонунҳо риоя ва иҷрои қатъии онҳо низ муҳим мебошад, зеро риоя нагардидани талаботи қонун боиси поймолшавии ҳуқуқи инсон, манфиатҳои давлату ҷомеа, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолат афзоиши ҷинояткорӣ ва бенизомӣ мегардад.

Дар ин замина Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (21 декабри соли 2021) махсус таъкид намуданд: «... Прокуратураи генералӣ вазифадор аст, ки назорати риоя ва иҷро гардидани қонунҳоро аз ҷониби вазорату идораҳо ва дигар ташкилоту муассисаҳо, сарфи назар аз мансубият ва шакли моликият, инчунин, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандонро пурзӯр намояд. Дар ин раванд, мақомоти судӣ бояд вазифаҳои хизматиашонро бо масъулияти баланди касбӣ иҷро карда, баррасии сариваҷтӣ, ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи парвандаҳои судиро ба роҳ монда, қарорҳои қонуниву асоснок қабул намоянд ва ба ин восила ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд, манфиатҳои давлат ва ташкилоту муассисаҳоро таъмин созанд».

**Шарафҷон НАРЗУЛЛОЗОДА, судяи Суди шаҳри Душанбе**

Нуқтаи назар



# АГАР БА ДОНИШҶӮЁН ИМТИЁЗ МУҚАРРАР ГАРДАД...

**29 январи соли 2021 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадориҳои ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» дар заминаи меъёрҳои қонуни амалкунанда дар таҳрири нав қабул карда шуд, ки се шакли хизмати ҳарбиро муайян намудааст. Онҳое, ки пас аз хатми муассисаҳои миёна ва миёнаи касбӣ ба хизмати ҳарбӣ даъват карда мешаванд, мӯҳлати хизмати онҳо 24 моҳро дар бар мегирад. Шаҳрвандоне, ки донишгоҳу донишкадаҳоро бо кафедраҳои ҳарбӣ хатм менамоянд, танҳо баъди 12 моҳи хизмати ҳарбӣ ба онҳо рутбаи аввалини афсарӣ дода мешавад. Онҳое, ки муассисаҳои олиро бидуни омӯзиш дар кафедраҳои ҳарбӣ хатм кардаанд, ба муддати 12 моҳ ба хизмати ҳарбӣ ҷалб мегарданд. Баъди анҷоми мӯҳлати хизмат ба онҳо рутбаи ҳарбии то сержант дода мешавад.**

Хизмати ҳарбӣ дар ҳайати захираҳои даъвати сафарбарӣ як шакли нави хизмати ҳарбист. Шаҳрвандони синни даъват, ки ҳуқуқи озод шудан ва ё ба таъхир гузоштани мӯҳлати даъват ба хизмати ҳарбиро надоранд, метавонанд ихтиёран ва бо пардохти маблағи муайян, ки андозаи он мутобиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 420 нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар карда шудааст, бо роҳи гузаштани ҷамъомади ҳарбии якмоҳа уҳдадории ҳарбиро адо намуда, бо гирифтани билети ҳарбӣ ва рутбаи сарбози қаторӣ ба ҳайати захираҳои даъвати сафарбарӣ ворид карда шаванд.

Аз Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар суҳбат бо мо гуфтанд, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадориҳои ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» барои хатмкунандагони макотиби олии кишвар дар ин навъи хизмат, яъне хизмат дар ҳайати захираҳои даъвати сафарбарӣ имтиёз пешбинӣ нагардидааст. Яъне, ҳам хатмкунандагони макотиби олӣ ва ҳам дигар шаҳрвандон бо пардохти 420 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва як моҳ хизмат соҳиби билети ҳарбӣ мешаванд.

Ин дар ҳолест, ки тайи ду соли охир теъдоди довталабон ва донишҷӯёни макотиби олии кишвар коҳиш ёфта, ҳамчунин, нақшаи қабули қисме аз донишгоҳу донишкадаҳо пурра иҷро намешавад. Албатта, омилҳо гуногунанд, вале метавон гуфт, ки яке аз онҳо имтиёз надоштани донишҷӯён ва хатмкунандагон мебошад.

Бинобар ин, хуб мешуд агар ба донишҷӯён дар таҳсил ва кор, инчунин пас аз хатмашон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ имтиёз дода шавад. Барои мисол, агар дар шакли нави хизмат ба онҳо имтиёз ҷорӣ гардад, ҳам дилгарм мешаванд ва ҳам ба ҳайати захираҳои даъватӣ шомил мегарданд.

### ПЕШНИҲОДЕ, КИ ҚОБИЛИ ДАСТГИРИСТ

12 июли соли ҷорӣ бо мақсади пешгирӣ намудан аз паҳн кардани ҳар гуна маълумоти бардурӯғ ва носаҳеҳ тавассути воситаҳои ахбори омма ва шабакаҳои иҷтимоӣ оид ба шарту шароити хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, доир ба раванди баргузории маъракаҳои даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ аз ҷониби Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия ва пешниҳод гардид. Дар ҳолати қабул гаштани лоиҳаи қонун барои вайронкунандагони муқаррароти он ҷарима ё ҳабси маъмурӣ пешбинӣ карда мешавад.

Ҳамчунин, аз ҷониби Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр шудааст, ки афзоиши шумораи хабарҳои бардурӯғи паҳншуда дар бораи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ашхоси дорои мақсаду нақшаҳои ғаразнок, ҷустуҷӯи роҳҳои нави мубориза бо чунин маълумоти бардурӯғ, аз ҷумла ворид кардани иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тақозо менамояд ва раванди торафт паҳн шудани ҳар гуна иттилои бардурӯғ дар миёни ҷомеа эътимоди мардумро нисбат ба Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон заиф намуда, ба қадру манзалат ва иқтидори мудофиавии кишвар таъсири манфӣ мерасонад.

Дар пасманзари ин пешниҳод баъзе аз истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ асли матлабро дуруст дарк накарда, вокуниши тунд намуданд. Яъне, мантиқан фикр кунем, ҳамонҳое, ки гуфтанд масъулин бо ин пешниҳод озодиро маҳдуд кардан ҳастанд ё аз моддаи 346 қисми 1, банди «А» Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон – «дидаю дониста расонидани хабари бардурӯғ» бехабаранд ё сиёҳбинанд. Аниқтараш, бархеҳо ба пешниҳоде зид баромаданд, ки мақсадаш хабари дурӯғро паҳн накардан аст.

Дар ин маврид масъалаи дигари нозукро ҳам набояд фаромӯш кард, ки он амнияти иттилоотӣ ном дорад. Мутаассифона, шоҳиди бисёр наворҳое шудем, ки «муаллифон» надониста, «облава» унвон карданд, вале баъдан маълум гардид, ки «қаҳрамонҳо» - и он наворҳо ҷинояткор ва нафаронеанд, ки ба талбандагӣ машғул ҳастанд. Албатта, паҳнкунандагони он наворҳо далел надоранд, ки он «облава» аст, вале амали носаҳеҳи онҳо, яъне нашру паҳн кардани навор барои бадном кардани Қувваҳои Мусаллаҳ ва раванди даъват ба хизмати ҳарбӣ аз ҷониби гурӯҳҳои бадбин фаровон истифода гардид. Чун амнияти иттилоотӣ як шохаи муҳими амнияти миллист, дар ин масъала набояд бетаваҷҷуҳӣ зоҳир намоем ва зимоми онҳое, ки дар бораи даъват хабарҳои бардурӯғ нашр мекунанд, бояд ба маҳкама кашида шавад.

**Ҳ. ТОҲИРӢ,**
**«Садои мардум»**

# ШОИРИ АСИРИ ШЕЪРИ САФЕД



**Ворис. Ӯро ман намешинохтаму як – ду шоири нотавонбини дигар. Баъдтар ман ӯро шинохтам, лекин то ҳол намедонам онҳо ӯро мешиносанд ё не. Надонистани ман аз ноогоҳиам буд. Кам мехондам, кам гӯш мекардам. То он дам ғофил аз он будам, ки ӯ шеър менависаду шоир аст. Нашинохтани ман он қадар носипосие набуд, чунки Ворис на ягон унвон дораду на ягон ҷоизаи чашмгир.**

Соли 2017 ба идораи рӯзномаи «Садои мардум» ба кор омад. Мо дар як утоқ менишастем ва ман танҳо ҳамон рӯз ба симои хирадмандонаи ӯ мушарраф шудам. Симои тобноки Мирзо Турсунзода дар назарам ҷилва медод. Гуфтам: Одамӣ ботину зоҳир монанд мешудааст? Воқеан, марди хушчеҳра ва хушсухан, ҳузураш дилфуро. Чунин хислатҳо на лоиқи ҳар кас мегарданд. Бисёр сухан намекард, гӯё суханҳояшро захира мекарда бошад. Аз бисёр хомӯшии ӯ дилгир мешудам. Тафохур надошт, такаббур ҳам. Он чӣ дар ботин дошт, соҳибдилӣ буду лутф буду карам. Зуд унс гирифтем. Намедонам ин бастагӣ аз ҷониби ман буд ё аз зуҳури ботинии ӯ. Табиати чунин ашхос ба ҳама раво мегардад, аз ҷумла ба ман. Адибони зиёде ба наздаш меомаданд. «Устод Ворис» гуфта муроҷиат мекарданд. Эҳтирому марҳамати хосе доштааст ӯ.

Шоири маъруфу бедор, шеъраш тобнок, як зиндагии ибратомӯзе доштааст, Ворис Калонов. Шеъри ӯ марзҳоро барвақт шикаста, дар ҳавзаҳои ҳунарии форсизабон баргузида. Соли 2012 ба Эрон даъват мешавад. Дар он ҳамоиш ҳар кас ёрои ширкату шеър хондан надошт. Дар маҳфиле, ки ҳама шайдою сархуши сухани ноб буданд, шеъри Ворис бо лаҳни тоҷикӣ садо дод. Зеҳнҳоро машғул кард ва ба таҳрик овард. Ӯро бо маънои том «шоир» шинохтанд. Он шеъри рамзии саропо бо ташбеҳот печида «Дарахт» ном дошт, ки аз «реша, тана ва навдаҳои пуршоху барг» - и ин халқҳои решапайванд ҳикоят мекард.

**Дарахт бояд буд,**
**Бо барг – барг дуо,**
**Бо шоха – шоха меваи дил.**

**Дарахт бояд буд,**
**Бо решае ба хоки саодат**
**Бо қомате ба авҷи ибодат…**

Ин шеър ба ӯ шуҳрати беандоза овард. Андӯхтаҳои Ворис ҷанбаи иҷтимоӣ дошта, суннатҳои чандинсолаи моро бозгӯ мекунанд, ки бо тасвирҳои зебои адабӣ ба табиати шеъри ӯ пайванд гаштаанд. Шеъри ӯ набзи меҳану набзи дили пурасрори ӯст. Ба қавле «тарҷумони рози пинҳон» - и ӯст. Неруи зеҳнии ӯ қудрату тавон кардааст, то андешаҳояшро дар қолаби нави шеър, малеҳ баён намояд. Ин навиштаҳояш шояд аз баракату ихлосмандии шеъри баландмазмуни Нимо Юшиҷ бошад, ки азамати шеъри нав - шеъри ба истилоҳ «сафед» - ро рӯнамоӣ мекунад. Ворис шоири шуҳрат нест, аз он ҳатто канораҷӯйӣ мекунад. Хуш надошт ӯро чун як шоири рӯз сарахбор кунанд. То ҳол табъи дили худ шеър нагуфтааст ки ба ҳузури дил бошад ва як мисраъро батакрор мегӯяд: - «Шеъре, ки аз он хун начакад, нанги дафтар аст». Ва то ҳол дар ҳасрати шеъри хунчакони хеш аст. Ба таърифи ҳеҷ кас хурсанд намешавад, маълум, ки ба таърифҳои ман ҳам, вале кӯшиш кардам сифаташ кунам, на таъриф. Эҳсос кардам, ки ба касе хушомад намегӯяд, тамаллуқ ҳам намезанад ва ба ин восита аз виҷдону шарафаш сахт дифоъ мекунад. Марди қаноат будааст ӯ. Ҳар чӣ ӯ камол меёбад, ба шеър асиртар мешавад ва шеъраш қимати дигар пайдо мекунад. Мехоҳад як инсони комил, ғуломи виҷдону шараф бошад. Як матлабашро хондам, хеле баҳавсала мегӯяд:

**Ман ба танҳоӣ дар ин кулба,**
**ки одат кардам.**
**Рӯ ба меҳроби дили хеш ибодат кардам…**
**Саҳар офтоб заду он шаби райҳониро,**
**Ман бо ашки сари ҳар мижжа**
**таҳорат кардам.**

Шеъре, ки аз шуур бармехезад ва ба дилҳо менишинад.

Ҷароҳатҳои ҷонкоҳи пайкари Ватан ӯро ором намегузошт. Лаҳзаҳои баҳамоии миллат – 27 июни соли 1997 вақте ки ҷонибҳо пойкӯбону дастафшон аз «хаймаи маслиҳат» баромаданд, аз вуҷуди саршор аз меҳру муҳаббати шоир ин сухан садо дод:

**Метарошам пайкари сабри Ватанро,**
**Нақши дилро мекашам дар сина бо тир.**
**То ки бӯсад аз лаби ӯ ҳар пагоҳӣ,**
**Мисли хуршед аз лабони лаъли Помир.**

Гулшукуфии ин меҳани маҳбуби азияткашида ба ӯ болу пар ва илҳоми тоза бахшид. Шеъри ӯ ҷило ва таровати дигар гирифта ва инсони дилбохтаро бедор мекунад:

**Зиндагӣ моро дар оғӯши Ватан**
**ширинтар аст,**
**Офтоби боми мо рахшандатар,**
**зарринтар аст…**
**Бори номуси Ватан**
**бар дӯш рафтан саҳл нест,**
**Бори ҳар номардро бардоштан**
**нангинтар аст.**

Дар расонаҳои гуногуни кишвар кору фаъолият карда, шуълаи шеъру шеърнависиро дар замири дили шогирдон бедор мекард. Шинохти ӯ, бештар аз тариқи барномаи «Шоми ғазал» - и телевизиони «Сафина» падид омад, ки бо лаҳни дилошӯб ба дили бинанда маскану маъво гирифт, то ба дараҷае, ки ӯро хурду калон дар шаҳру деҳот мешинохт:

Падари журналисти зарофатгӯ Ҷумъаи Мирзо дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ аз дунё гузашт. Аҳли дӯстон дар маросими видоъ аз ин мӯйсафеди табаррук иштирок карданд. Дар қабристон издиҳом ҷӯш мезад. Марди ношиносе аз ман пурсид:

- Ҳамин мардак устод Ворис нест? – мо ӯро мешиносем.

Гуфтам:

- Устод шуморо дар қабристон ҳам мешинохтаанд.

Мо ҳамроҳи устод ба ноҳияи Муъминобод тӯй рафтем.Соҳибхона хоҳиш кард, ки устод Ворис сухан кунад. Ворис аз ғояти сархушӣ буд ё дилхушӣ, ки фақат як матлабро ба ёд меовард:

**Эй дӯст, ба дӯстӣ қаринем туро,**
**Ҳар ҷо ки қадам ниҳӣ, заминем туро.**

Табрикоташро беибо давом дода, арӯсу домодро шодбош гуфт ва ҳамон матлабро гаштаю баргашта такрор кардан гирифт. Мардум интизори он буданд, ки устод Ворис шеъри тару тозае мегӯяд, вале ҳайҳот. Баъди ин онҳо Ворисро зуд - зуд дар барномаҳои телевизионӣ диданд. Як марди саропо шеъру сухан ва гуфтанд:

- Ин мардак ин қадар шеъри бисёр медонистаасту ба мо яктояшро такрор ба такрор хонд.

Ворис Калонов муаллифи маҷмӯаҳои зиёд, аз қабили «Шишаи номус дар бағал», «Паланги қуллаҳои барфпӯш», «Тазкираи Ворис», «Рози бараҳнагӣ», «Ҷоми гӯё», «Дар чор фасли лаҳзаҳо» ва китоби ба тозагӣ нашршудаи ӯ «Пайкари сабр» буда, аз соли 2000 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон мебошад. Хотираҳои зиёде аз ӯ боқист.

Рӯзе дари утоқи корӣ кушода шуду духтараке ворид гашт.

- Устод Ворис нестанд,- пурсид ӯ. Гуфтам шогирд дар рухсатианд.

- Шумо кӣ? Ман фалонӣ гуфтам. Дареғ, гуфт духтарак - устодро мешиносаму шуморо нашунидам.

**Абдухолиқ МИРЗОЗОДА,**
**«Садои мардум»**

# «КӮҲСОРИ АҶАМ» – НАХУСТИН ОСОРХОНАИ ХУСУСӢ ДАР ВОДИИ РАШТ

**Номи Мирзошоҳи Акобир ва боғи зебову осорхонаи ӯ солиёни зиёд аст, ки дар мамлакат машҳур буда, ҳар сол сайёҳон аз мамолики гуногуни олам ба тамошои он меоянд. Мирзошоҳ ҳанӯз даврони барқарории Ҳукумати Шӯравӣ ба бунёди боғ ва осорхона шурӯъ карда бошад ҳам, орзуҳояш танҳо дар даврони соҳибистиқлолии кишвар амалӣ гардиданд.**

- Истиқлолият барои ману ормонҳои дилам умри дубора бахшид,- мегӯяд Мирзошоҳ. - Даврони Шӯравӣ ба сад идора сар халондаму даҳҳо роҳбари зинаҳои гуногунро тавалло намудам, вале касе дастамро нагирифт.

Мирзошоҳ Акобир дар баробари осорхонаи шахсӣ доштан, бунёдгузори хоҷагии деҳқонии «Кӯҳсори Аҷам» дар ноҳияи Рашт аст. Аз соли 1988 то соли 2021 ба бунёди боғи ботаникӣ ва осорхонаи кишваршиносӣ дар масоҳати ду гектар машғул будааст ва он ҳоло яке аз беҳтарин боғҳои ботаникӣ дар Тоҷикистон мебошад. Мақсад аз таъсиси боғи ботаникӣ, пеш аз ҳама, гирд овардани навъҳои гуногуни дарахтони мевадиҳанда маҳсуб меёбад, ки рӯ ба нестшавӣ овардаанд. Дар ин мавзеъ 64 навъи дарахти себ, 36 хели дарахти нок, 24 навъи дарахти зардолу, 9 навъ чормағз, 12 хел ангур парвариш мешаванд. Таҷрибаи пайванд намудани навъҳои гуногуни себ дар ин боғ намунавист: Дар шохҳои баъзе аз дарахтон то 25 навъи себ нашъунамо меёбад. Қобили зикр аст, ки боғи себи деҳаи «Ҷафр» дар кишвар номдор аст.



Ҷамъоварии нигораҳоро барои бунёди Осорхонаи кишваршиносӣ М. Акобир аз соли 1982 оғоз намудааст. Алҳол осорхона яке аз беҳтарин осорхонаҳои шахсии ҷумҳурӣ маҳсуб ёфта, нахустин ва ягона осорхонаи шахсӣ дар водии Рашт мебошад. Дар он беш аз 1800 нусха экспонату нигораҳои таърихӣ нигоҳдорӣ мешаванд, ки таърихи беш аз сеҳазорсола доранд. Хусусан, сиккаҳои юнону бохтариҳо, ҷавшани замони Искандари Македонӣ, дегу табақи сангин, катибаву китобҳои нодири классикони тоҷик ва амсоли онҳо мавҷуданд.

Масоҳати хоҷагии деҳқонии «Кӯҳсори Аҷам» 5,5 гектар замин аст. Ғайр аз боғу токпарварӣ, дар он барои занбӯриасалпарварӣ низ шароит муҳайёст. Дар ин мавзеъ 50 оилаи занбӯри асал нигоҳдорӣ ва парвариш мегардад, ки давоми сол беш аз 1200 килограмм асал медиҳанд.

Дар ошёнаи дуюми осорхона «Маркази хизматрасонӣ» амал мекунад, ки он махсус барои ҳунармандон бунёд шудааст. Дар марказ 52 ҳунарманди водии Рашт маҳсули корашонро ба фурӯш мегузорад.

**Диловари МИРЗО,**
**«Садои мардум»**

# НОШИРОН БОЯД АЗ ҚОИДАҲОИ ЧОПИ КИТОБ БОХАБАР БОШАНД

**Дар даврони соҳибистиқлолӣ таваҷҷуҳ ба китобу китобхонӣ ва нашри китоб хеле зиёд шуд. Дар робита фаъолияти китобхонаҳо ва муассисаҳои нашриявӣ густариш ёфтанд. Ҳар сол аз ҷониби чопхонаҳо ва муассисаҳои нашриявӣ садҳо номгӯй китобҳои илмӣ, сиёсӣ, оммавӣ ва бадеӣ ба табъ мерасанд ва хазинаи китобхонаҳо бо адабиёти ватанӣ пурра мегардад. Аммо, ҳамзамон зимни омода ва нашри китоб ба камбудиҳо низ роҳ дода мешавад, зеро бисёр нависандагон ва ноширон аз илми китобшиносӣ бехабаранд. Онҳо зимни таҳия ва ба нашр омода сохтани маҳсули эҷодашон ба тартибу қоидаҳои махсуси китобнигорӣ бояд ҳатмӣ риоя намоянд. Ин ҷо гап дар бораи мазмуну мундариҷаи китоб намеравад. Мавзӯи мавриди назари мо бандубаст, нишонагузорӣ, таснифу тасвир ва дигар рамзу аломатҳои китоб аст.**

Ниёкони мо китобдору аз илми китобнигорӣ бохабар буданд. Фарҳанги китобдории тоҷикон таърихи қадима дорад. Ба ин гуфтаҳо осори аз давраҳои гузашта боқимонда гувоҳанд, ки дар онҳо тартибу қоидаҳои махсуси ороишу ҷобаҷогузории матнҳо риоя шудааст. Ин нукта низ мавзӯи мақолаи алоҳида аст.

Даврони шӯравӣ дар китобчопкунӣ тартибу стандартҳои хоса ҷорӣ гардида буд ва то ба ҳол он идома дорад. Кам нафароне ҳастанд, ки китоберо варақгардон накарда ва ё нахонда бошанд. Аммо аксар хонандагон шояд ба аломату ишораҳои УДК (ТДУ), ББК (ТКБ), ISBN ва штрихкод он қадар аҳамият надиҳанд. Бе мавҷудияти чунин аломату рамзҳо китоби нашршуда ноқис аст ва дарёфти он дар китобхонаҳо мушкил мегардад. Дар замони шӯравӣ ин қоида пурра риоя карда мешуд, зеро дар ИҶШС он ягона ва назорат аз болои нашри китобҳо низ пурра ҷорӣ буд.

Алҳол дар баробари стандарти маъмул, ҳар як ҷумҳурии соҳибистиқлол тартибу қоидаҳои хоси рамзу аломатгузории китобҳоро (агарчӣ умумиятҳо низ зиёданд) доранд. Асосан ҳамон тартиби замони шӯравӣ истифода мешавад, танҳо он каме такмил ёфта ва ба забони миллии кишварҳо тарҷума шудаанд.

Олимони китобшиноси замони мо, агарчӣ теъдодашон ниҳоят кам аст, бо истифода аз заминаи меъёрии ҳуқуқии муҳайёгардида ва имконоти фароҳамомада, солҳои охир баҳри рушди соҳа ва эҳёи илми китобдориамон хизматҳои арзишманд карда, ҳоло ин раванд ба қадри имкон идома дорад.

Роҷеъ ба мавзӯи мавриди назар низ якчанд тадқиқот анҷом ёфтааст. Китоби нависанда ва муҳаққиқи соҳаи китобшиносӣ ва наширӣ Сироҷиддин Икромӣ «Китоб дар масири таърих» аз зумраи он таълифотест, ки ба тартибу қоидаҳои таҳия ва нашри китоб бахшида шудааст. «Китоб аз замони пайдошавиаш мавриди таваҷҷуҳ ва қадрдонии инсоният қарор гирифт. Дар ҳамон давру замон ба он таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда, барои ҳифзу нигоҳдорияш шароити мусоид фароҳам овардаанд, яъне китобхонаҳо бунёд намуда, онро чун макони муқаддас арҷ гузоштанд. Дар гузашта китобҳо аз тарафи котибон бо меҳнати пурмашаққат дастнавис ва баъдан паҳн карда мешуд», - қайд мекунад нависанда. Дар китоби зикршуда баъди шарҳу тавзеҳи мухтасари таърихи китобу китобчопкунӣ, таври муфассал қоидаю тартиби таснифи анвои матбуот, стандартҳои соҳаи табъу нашр ва дигар паҳлуҳои китобдорию наширӣ оварда шудааст. Аз ҷумла, дар бахши «Таҳияи таҳрирӣ - наширии китобу ҷузва» метавонед бо дастури пурраи таҳияи маълумоти барориш, ки донистани он барои ҳар як китобнавис ва ношир зарур аст, шинос шавед. Маълумоти барориш бояд фарогири рақами стандарти байналмилалии нашрияи силсилавӣ (ISBN), маълумоти фавқулунвон, номи муаллиф (ҳаммуаллифон), унвони китоб ва нашрия, индексҳои таснифӣ (ТДУ, ТКБ), таснифу тасвир ва ғайра бошад. Ба маълумоти хонандаи ин мақола ва китобҳо мерасонем, ки дар китобҳо ишораи УДК (Универсалный десятизначный классификация), яъне ба забони тоҷикӣ Таснифи даҳгонаи универсалӣ (ТДУ) мебошад. Дар поёни он аломати муаллифӣ мавҷуд мебошад (масалан И-25, М 44, Д 27).

- ТДУ усули ягонаи байналмилалӣ буда, фонди китобҳо аз рӯи соҳаҳои дониш ҷо ба ҷо гузошта мешавад ва он дарёфти адабиётро таъмин менамояд. ТДУ барои он даҳгона номида мешавад, ки қисми таркибии он аз даҳ қисм ё шуъба иборат аст. Аз соли 1962 инҷониб нашриёҳои ба чоп пешниҳодшуда тибқи ТДУ рақамгузорӣ (намоягузорӣ – индексатсия) мешаванд, - мегӯяд олими соҳа китобшиносӣ Сафар Шосаидов. Ин муҳаққиқи сермаҳсул китоби «Таснифоти даҳгонаи универсалӣ» - ро аз забони русӣ тарҷума кардааст, ки он соли 2018 ба табъ расид. Дар ин китоб ҷадвалҳои асосӣ ва ёрирасон пурра оварда шудааст ва он дар системаи китобхонаҳои марказонидашуда, муассисаҳои таълимии соҳа ва нашриёҳо ба сифати дастури методӣ мавриди истифода қарор дода шудааст.



Номзади илмҳои педагогӣ Шариф Комилзода, ки яке аз олимони варзидаю пурмаҳсули соҳаи китобшиносӣ маҳсуб меёбад, зимни суҳбат зарурати тасниф ва тасвири китобро мухтасар чунин шарҳ дод: «Тасвири библиографӣ, ин пеш аз ҳама, маҷмӯи маълумот дар бораи ҳуҷҷат (нашрия, манбаъ), ки тибқи қоидаҳои муайяне, ки стандарт муқаррар кардааст ва барои тавсиф ва ҷустуҷӯи ҳуҷҷати тасвиршуда зарур аст, пешбинӣ шудааст. Сарчашмаи асосии иттилоот дар ҳуҷҷат унсурҳое мебошад, ки дар варақаи титулӣ пешниҳод шудаанд, ба монанди, маълумот дар бораи исму насаби муаллиф, унвони китоб, маълумотҳои зерисарлавҳа, маълумотҳои барориш, ҷои нашр, номи нашриёт ё матбаа, соли нашр, шумораи саҳифаҳо ва маълумоти болои сарлавҳа (асосан бештар дар китобҳои характери илмидошта). Тасвири библиографӣ ҳадди ақали маълумоти зарурӣ ва кофии ҳуҷҷатро дар бар гирифта, имкон медиҳад, ки вижагӣ ва тафовути он аз дигар ҳуҷҷатҳо муайян карда шавад.

Барои ҳар як китоб тибқи муқаррарот инчунин, тавсифи нашриёт талаб карда мешавад. Тавсиф – ин шарҳи мухтасари асар аз нигоҳи мақсади таъиншуда, мундариҷа, таъини хонандагӣ, шакли чопию нашрӣ ва дигар хусусиятҳои асар мебошад.Вазифаи тавсиф аз он иборат аст, ки мазмуну мундариҷаи китобро мухтасар шаҳр дода, ба хислатҳои фарққунандаи асар ва хусусиятҳои барҷастаи эҷодиёти муаллиф баҳои воқеӣ медиҳад. Тавсиф бояд таваҷҷуҳи хонандаи китобро низ ҷалб намуда, ба ӯ маълумоти мушаххаси аввалинро дар бораи китоб пешниҳод намояд».

Ноширону китобнависон ҳамзамон метавонанд ба китобҳои «Омӯзиши таснифоти даҳгонаи универсалӣ», «Дастури истифодаи ISBN», «Ҷадвали муаллифӣ (дурақама»)) низ таваҷҷуҳ намоянд. Бо истифода аз ин китобу дастурамалҳо ходимони муассисаҳои нашривӣ маҳсулоти ба чоп пешниҳодмешударо тибқи қоидаҳои зарурӣ мураттаб гардонида, ба табъ мерасонанд.

Дар ин ҷода яке аз нашриёҳои собиқадор - «Ирфон» солҳои охир саъю талош дорад тибқи стандартҳои муосир фаъолияти хешро пеш барад. Роҳбарии ин муассисаи нашриявиро яке олимон ва мутахассисони варзидаи соҳаи китобдорӣ, номзади илмҳои педагогӣ Қурбон Ғуломзода бар уҳда дорад. Номбурда роҷеъ ба мавзӯи мавриди назар, аз ҷумла иброз дошт:

- Аксар китобҳое, ки ҳоло дар хазинаи китобхонаҳо маҳфузанд, бо нишонии ББК-Таснифоти китобхонавӣ-библиографӣ (ТКБ) чоп мешуданд. Имрӯз зарурат ба миён омадааст, ки ба УДК - Таснифоти даҳгонаи универсалӣ(ТДУ) бояд гузарем. Аз соли 2020 инҷониб тамоми китобҳои МН «Ирфон» тибқи ин стандарт чоп мешавад. Аз ҷумла, ҷилдҳои 20 ва 21 силисилакитобҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат» дорои чунин таснифот мебошад. Зарурати риояи ҳатмии стандартҳои китобчопкунӣ, пеш аз ҳама, дар он аст, маҳсулоти чопӣ садсолаҳо мавриди истифода қарор хоҳанд гирифт ва онҳо дар китобхонаҳо маҳфуз мемонанд. Агар китобҳо дорои нишону аломатҳои зарурӣ набошанд, пайдо ва дастрас кардани онҳо мушкил ва ҳатто номумкин мегардад. Мо дар Муассисаи нашриявии «Ирфон» дар ҳар як ҳуҷраи корӣ тартибу қоидаҳои омодасозии китобро бо ҳарфҳои хоно чоп ва насб кардаем ва кормандонамон саъй менамоянд, то зимни нашри асарҳои гуногун стандартҳо риоя шаванд.

Воқеан, китоб барои инсон ва ҳар як ҷомеа арзишманд аст ва наслҳоро ба ҳам пайванд месозад, таърихи гузаштаро бозгӯ мекунад, дар рушди дигар соҳаҳо таъсирбахш мебошад, зеро манбаи дониш аст. Бинобар ин, бояд донишмандону нависандагон ва ҳар нафаре, ки ба таҳия, эҷод ва нашру тарғиби китоб машғул аст, бояд чунин масъулияти баландро эҳсос намояд, ба насли имрӯзу оянда китобҳоеро ба мерос монанд, ки созандаю равшангари зиндагӣ ва мукаммал бошанд.

**Бурҳониддин КАРИМЗОДА,**
**«Садои мардум»**

ОБУНА - 2023

ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «САДОИ МАРДУМ» - НАШРИЯИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2023 ИДОМА ДОРАД.

ТАВАССУТИ ОН «САДОИ МАРДУМ» БА ҲАР ХОНАДОНУ КОРГОҲИ КИШВАР РОҲ ЁФТА, ШУМОРО АЗ ТОЗАТАРИН ВА МУҲИМТАРИН НАВИДҲОИ ВАТАНИ АЗИЗ ВА БЕРУН АЗ ОН ХАБАРДОР МЕКУНАД.

*Обуна дар идораи рӯзнома, муассисаҳои алоқаи почтаи шаҳру ноҳияҳои кишвар қабул шуда, пешоҳангон, ҳамчунин, шахсони алоҳидае, ки бо идораи рӯзнома шартнома баста, дар ин кор саҳм мегиранд, қадрдонӣ мегарданд.*

НАРХИ СОЛОНАИ ОБУНА, БО ДАРНАЗАРДОШТИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ВА ХИЗМАТРАСОНИИ МУАССИСАҲОИ АЛОҚАИ ПОЧТА, БАРОИ ЯК НУСХА **180 СОМОНӢ** МУҚАРРАР ШУДААСТ.

*Суроға: 734018, шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ - 16 (ошёнаи 6). Нишонӣ ва ҳисоби бонкии рӯзномаи «Садои мардум»:* с/ҳ 20202972701904102000; ҳ/м 20402972316264; БИК 350101626; РМА 030004877; Шуъбаи №2 БДА Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе. Индекси обуна: 68852. Телефонҳо барои маълумот: 238-53-71, 238-53-49, 238-54-57.

# ЭЪЛОН!

## Тибқи амри Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Комиссияи озмун барои ишғоли мансабҳои зерини маъмурии хизмати давлатӣ дар Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ОЗМУН эълон менамояд:

1. Сармутахассиси шуъбаи Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 2010 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ;

2. Сармутахассиси шуъбаи Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 2010 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ;

3. Сармутахассис оид ба корҳои махсус ва кадрҳои шуъбаи умумии Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 2010 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ;

4. Сармутахассиси барасмиятдарории ҳуҷҷатҳо ва назорати шуъбаи умумии Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 2010 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ;

5. Мутахассиси пешбари шуъбаи Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисод, коммуникатсия, аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экология - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1570 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**ТАЛАБОТИ ТАХАССУСӢ БАРОИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТИИ МАЪМУРӢ**

**Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи чорум:**

Сармутахассиси шуъбаи Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният;

Сармутахассиси шуъбаи Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ;

Сармутахассис оид ба корҳои махсус ва кадрҳои шуъбаи умумии Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Сармутахассиси барасмиятдарории ҳуҷҷатҳо ва назорати шуъбаи умумии Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

- таҳсилоти олии касбӣ (доштани донишҳои мушаххаси касбӣ), ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад, на кам аз 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар, қобилияти идоракунӣ, банақшагирии раванди кор, маҳорат, малака, сифатҳои ташкилотчигӣ, ташаббускорӣ, масъулиятшиносӣ, ботаҷрибагӣ ва кор бо тобеон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, одобу ахлоқи шоиста, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- донистани забонҳои давлатӣ, русӣ, англисӣ, таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, ҳамчунин малакаи кор бо компютер.

**Барои ишғолкунандагони мансаби маъмурии категорияи шашум:**

Мутахассиси пешбари шуъбаи Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисод, коммуникатсия, аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экология.

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад, 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, одобу ахлоқи шоиста, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- донистани забонҳои давлатӣ, русӣ, англисӣ, таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, ҳамчунин малакаи кор бо компютер.

**Довталабон барои иштирок дар озмун ҳуҷҷатҳои зеринро ба комиссияи озмун ба суроғаи шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ - 42 ва почтаи электронии kadr@majmilli.tj шахсан ё тариқи электронӣ пешниҳод менамоянд:**

- ариза ба унвони Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи шакли муқарраргардида;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо бо 2 дона сурати андозаи 4х6 ва 2 дона сурати андозаи 3х4 (маълумотҳои шахсӣ ва фаъолияти меҳнатӣ дақиқ ва фаҳмо нишон дода шавад);
- тарҷумаи ҳол;
- маълумотнома (объективка) дар шакли хаттӣ ва электронӣ;
- нусхаи шиноснома;
- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ;
- маълумот оид ба вазъи саломатӣ (шакли 038);
- нусхаи гувоҳномаи рақами мушаххаси андозсупоранда;
- эъломия оид ба андоз аз даромад ва вазъи молумулкӣ;
- нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд) ё шаҳодатномаи бақайдгирӣ;
- маълумотнома оид ба доштан ва ё надоштани доғи судӣ;
- нусхаи шаҳодатномаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ (СИН);
- маълумотнома аз ҷои истиқомат.

Довталабон метавонанд оид ба таҷрибаи кор ва сатҳи касбии худ маълумоти иловагӣ (нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи дараҷа ва унвони илмӣ, такмили ихтисос, номгӯи корҳои илмӣ, тавсифномаҳо, тавсияҳо) пешниҳод намоянд.

**Эзоҳ:** ҳангоми ба тариқи электронӣ пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо барои иштирок дар озмун довталаб вазифадор аст дар суҳбат ҳуҷҷати аслиро пешниҳод намояд.

**Мӯҳлати қабули ҳуҷҷатҳо - 21 рӯз аз санаи нашри эълони мазкур.**

Сомонаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: **www.majmilli.tj**

Телефон барои маълумоти иловагӣ: **221-98-35.**

# ПРИГЛАШЕНИЕ НА ПОДАЧУ КОТИРОВОК

## Ремонт существующих ДС

**Название проекта:** Проект раннего развития детей с целью наращивания человеческого капитала

Республика Таджикистан получило грантовое финансирование со стороны Всемирного банка для покрытия расходов Проекта «Раннее развитее детей для наращивания человеческого потенциала в Таджикистане» и намерена использовать часть средств на ремонт существующих ДС.

Исходя из вышесказанного, ГРП МФ РТ проводит тендера по ниже заявленным пакетам и любезно просит заинтересованные компании/фирмы предоставить свои котировки на:

**1. Пакет 3 – Ремонт существующих ДС район А.Чоми**

При подготовке коммерческого предложения фирмы должны руководствоваться прилагаемой формой, которую можно получить по указанному ниже адресу или по электронной почте с $9^{00}$ до $15^{00}$ по местному времени.

Котировки и другая дополнительная информация должны быть представлены по электронной почте или в печатном виде по указанному ниже адресу до $15^{00}$, 21 октября 2022 года.

**Министерство финансов Республики Таджикистан**

**ул. Шероз - 35, 7 этаж, Душанбе**
**(Офис ГРП РРД МФ РТ в здании МФ)**
**E-Mail: jobs.info@ecdp.tj**
**Тел: (37) 221-06-91.**

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шиноснома шаҳрвандии силсилаи А №01270276-и гумшуда, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 27 феврали соли 2018 ба Ҷабборов Саттор Шуҳратҷонович додааст, эътибор надорад.

✓ Билети ҳарбии сарбозии силсилаи ЧТ № 853094-и гумшуда, ки онро Комиссариати ҳарбии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 29 апрели соли 2021 ба Ҷумаев Сулаймон Баҳромбекович додааст, эътибор надорад.

✓ Иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии соҳибкорони инфиродии гумшуда бо РЯМ 0430208946, РМА 095823691, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 11 марти соли 2016 ба Парвизи Мамадхон додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати №262932-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №33-и ноҳияи Фрунзе (ҳоло Сино)-и шаҳри Душанбе соли 1994 ба Давлатова Раънохон Саидаҳмадовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии Иттиҳодияи ҷамъиятии №238-и гумшуда, ки онро Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 18 октябри соли 2007 ба ташкилоти ҷамъиятии «Кумитаи падару модарон ва омӯзгорон»-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати А № 015195-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №47-и ноҳияи Рӯдакӣ (ҳоло МТМУ №111-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе) соли 1987 ба Назирова Умия Шарифовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии №0268026-и гумшуда бо РЯМ 0410038833, ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 15 августи соли 2022 ба Муассисаи давлатии буҷетии таҳсилоти миёнаи умумии Россия Тоҷикистон «Мактаби миёнаи умумӣ бо омӯзиши амиқи фанҳои алоҳида дар шаҳри Душанбе ба номи Ю. А. Гагарин» додааст, эътибор надорад.

✓ Билети ҳарбии афсарии силсилаи АА № 119296, ки онро Комиссариати ҳарбии ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 8 октябри соли 2013 ба Фазлиев Ахмадджон Кабилович додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Академияи таҳсилоти Аврупоӣ», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии № 0267421, РЯМ 0410037155, РМА 040059321 ва Иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ буда, онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2021 додааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ташкилоти ҷамъиятии «Кумитаи падару модарон ва омӯзгорон»-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе, ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 18 октябри соли 2007 таҳти №238 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, барҳам мехӯрад.

✓ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Сохтмон 2019, ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии №0275585 бо РЯМ 0910009485 буда, дар Нозироти андози шаҳри Ҳисор 22 сентябри соли 2019 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 28 октябри соли 2022 музоядаи № 7-ро оид ба фурӯши пораву партовҳои металҳои сиёҳ баргузор менамояд

1. 2000 тонна пораву партовҳои металҳои сиёҳи (филизпораҳо) ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик», нархи ибтидоӣ - 2000000 сомонӣ.

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда - **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад

Музояда соати **$10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, телефонҳо 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

**БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 411919 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмию клиникии урологӣ» | Хариди молҳои канселярӣ ва хоҷагидорӣ, барқӣ, асбобҳои дастӣ, китобҳои бақайдгирӣ ва бланкаҳо | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 75 | 17.10.2022 15:55:00 |
| 2 | 411913 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Қисмҳои эҳтиётии мошинҳои боркаш ва сабукрав | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 136 | 27.10.2022 15:10:00 |
| 3 | 411918 | Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Компютерҳои фардӣ ва курсии идоравӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 27.10.2022 15:35:00 |
| 4 | 411921 | Муассисаи давлатии «Таваллудхонаи шаҳрӣ»-и шаҳри Хуҷанд | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 27.10.2022 17:10:00 |
| 5 | 411924 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» | Таҷдиди утоқи шуъбаи тиҷорати ректорат, насби витраж ва насби панели Алюкабонд дар биноҳои таълимии №1 ва №2 МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 27.10.2022 17:25:00 |
| 6 | 411925 | Муассисаи таълими томактабии «Кӯдакистони №5»-и Ҷамоати деҳоти ба номи Д. Холматов | Хӯроквории | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 33 | 27.10.2022 17:35:00 |
| 7 | 411926 | Муассисаи таълимии давлатии «Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон» | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 27.10.2022 18:00:00 |
| 8 | 411927 | Беморхонаи марказии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Рентген - плёнка | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 27.10.2022 18:45:00 |
| 9 | 411928 | Муассисаи давлатии «Маҷмааи фарҳангию таърихии «Қалъаи Хуҷанд» | Гули тагетес ва карами ороишӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 28.10.2022 08:40:40 |
| 10 | 411929 | Муассисаи давлатии «Таваллудхонаи шаҳрӣ»-и шаҳри Хуҷанд | Таъмири шуъбаи амрози занонаи муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 28.10.2022 08:40:40 |
| 11 | 411930 | Муассисаи давлатии «Маҷмааи фарҳангию таърихии «Қалъаи Хуҷанд»» | Гулҳои мавсимӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 28.10.2022 08:40:40 |
| 12 | 411932 | Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҷдид ва мутобиқсозии иншооти зарурӣ ба талаботи байналмилалӣ барои омодагии олимпии дастаҳои мунтахаб дар Муассисаи давлатии «Мактаби ҷумҳуриявии маҳорати олии варзишӣ оид ба намудҳои якҳарба дар шаҳри Душанбе» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 28.10.2022 09:10:00 |
| 13 | 411934 | Муассисаи давлатии «Раёсати обёрӣ»-и шаҳри Душанбе | Пойафзол, костюм, комбинезон ва матоъ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 28.10.2022 10:20:00 |
| 14 | 411933 | Муассисаҳои кумаки аввалияи тиббӣ - санитарии ноҳияи Рашт | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 28.10.2022 10:23:11 |
| 15 | 411935 | Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази дастгирии амалиётҳои молиявии байнибуҷетӣ» | Корҳои омодагии инфрасохтори муҳандисӣ ва муҳоҷирати (кӯчонидан)-и Маркази коркарди маълумоти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 28.10.2022 13:05:00 |
| 16 | 411936 | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб | Таъмири ҷории ошхонаи мақомот | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 28.10.2022 13:10:00 |
| 17 | 411937 | Маҷмааи давлатии «Кохи Борбад»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷории бино | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 28.10.2022 13:55:00 |
| 18 | 411939 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои дил» | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 28.10.2022 13:55:00 |
| 19 | 411931 | Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ноутбук, принтер ва таҷҳизот | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 11 | 28.10.2022 14:00:00 |
| 20 | 411938 | Муассисаи таҳсилоти томактабии №3-и ноҳияи Шаҳринав | Сохтани посбонгоҳ ва девори атрофи муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 28.10.2022 14:30:00 |
| 21 | 411940 | Муассисаи давлатии «Хона-интернати беморони рӯҳӣ»-и ноҳияи Ҷ. Расулов | Хӯроквории | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 38 | 28.10.2022 14:45:00 |
| 22 | 411920 | Хоҷагии манзилии коммуналии ноҳияи Ванҷ | Автомашинаи боркаш бо систерна, тамғаи «Зил- 131», тавоноии муҳаррик 150 қ.а., соли барориш аз 1989 то 1992, истеҳсоли Россия, рангаш кабуд | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 28.10.2022 15:00:00 |
| 23 | 411923 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №2-и ноҳияи Дарвоз | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 28.10.2022 15:00:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни «Сана ва вақти кушодани лифофаҳо» муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш ва матолиби мукаммалу таҳлилиро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Садои МАРДУМ
Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

САРМУҲАРРИР
*АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло*

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Неққадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов*

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

*Рӯзномаи «Садои мардум» 17 марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97*

*Ба чопаш 10 октябри соли 2022, соати 17:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33425 нусха*

Навбатдорони шумора
Ҳ. Тоҳирӣ ва М. Ҳисорӣ

Тарроҳони компютерӣ
Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров